**Суратмаҷлиси №61**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 22 феврали соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, №122/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Гадоев Н., аъзои комиссияи экспертӣ Раҳмонова Н. ва Ҳомидов Д. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 07.05.2024, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.